**ХУЛОСАИ**

**кафедраҳои технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика ва менеҷменти муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсияи Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзуи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)», аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Ятимов Амирхон Ҷурахонович, соли таваллудаш 1991, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси информатика хатм намудааст.

Аз соли 2014 то соли 2015 ассистенти кафедраи информатика, соли 2015 то соли 2021 ассистенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, соли 2021 мудири кафедраи молия ва қарзи филиали "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" дар вилояти Хатлон, соли 2022 то ҳол декани факултети иқтисодӣ ва фанҳои гуманитарии филиали "Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон" дар вилояти Хатлон кор карда истодааст.

**Роҳбари илмӣ: Файзулло Машраб Қурбонӣ**–доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия».

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот**. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ қайд намуданд, ки «Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи «иқтисоди сабз», саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди неруи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина рушди устувору сифатноки иқтисоди миллиро таъмин намояд». Барои

ноил шудан ба ин ҳадафҳо равона намудани захираҳои молиявӣ ва моддию техникиро ба рушди илм, техника ва инноватсия, тақвияти пажӯҳишҳои илмӣ, корҳои таҳқиқотӣ, коркардҳои таҷрибавию конструкторӣ дар рушди иқтисодии ҷумҳурӣ ва корхонаҳои алоҳида, табдил додани неруи илмию техникӣ ба яке аз захираҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ муҳим мебошад. Татбиқи афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла андешидани тадбирҳои дахлдорро дар самти баланд бардоштани иқтидори илмӣ-техникии ҳудудҳои алоҳида талаб менамояд, ки ба эътирофи олимони маъруфи иқтисоддон таҳрикдиҳандаи асосӣ ва суръатбахши пешрафти иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, ташаккул ва идоракунии бояду шояди он имкон медиҳад, ки ҳамчун замина барои воридшавии бомуваффақияти минтақа ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ зикр гардидааст, ки «...марҳалаи ба анҷом расонидани индустриализатсияи босуръат ва ташаккули иқтидорҳо барои рушд дар асоси дониш ва навовариҳо солҳои 2026-2030 мебошад». Дар ҳамин ҳол шарти зарурии рушди иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ - ин беҳтар намудани иқтидори илмию техникии инноватсионӣ дар минтақаҳо мебошад. Татбиқи онҳо дар таҷрибаи хоҷагидории минтақа метавонад рушди иқтисод ва рақобатпазирии он, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва дараҷаи қонеъгардонии талаботи аҳолиро таъмин намояд.

Аммо, айни замон дар рафти омӯзиши адабиёти иқтисодии олимони ватанӣ оид ба масъалаҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ возеҳ мегардад, ки асосҳои назариявӣ, муайян намудани мавқеи минтақаҳо аз лиҳози иқтидори илмӣ-техникӣ, арзёбӣ ва рейтинги муассисаҳои олӣ, мавҷудияти мушкилотҳо ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли он дар минтақаҳо аз ҷумла вилояти Хатлон ба қадри имкон ҳалли худро наёфтаанд.

Вобаста ба ин, роҳҳои нави идоракунии иқтидори илмӣ-техникиро ҷорӣ намудан зарур аст, ки ба инкишофи инноватсионӣ дар вилояти Хатлон нигаронида шуда бошанд. Маҳз ҳамин масъалаҳо муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии интихобкардаи моро ташкил медиҳад.

**Мақсади таҳқиқот** дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи моҳияти иқтидори инноватсионии илмӣ-техникии минтақаи мавриди баррасӣ, ҷанбаҳои ташаккулёбии он, муайян намудани мушкилот ва роҳҳои ҳалли он, инчунин роҳҳои такмилдиҳии идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа зоҳир мегардад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Дар татбиқи ин ҳадаф, ҳалли вазифаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

- омӯзиш ва таҳқиқи асосҳои назариявии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ ва таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии он, инчунин муайян кардани имкониятҳои истифодаи он дар вилояти Хатлон;

- таҳлил ва арзёбии ҳолати имрӯза ва тамоюлоти рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа;

- ошкор намудани мушкилоти асосии рушди иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилоят;

- пешниҳоди роҳҳои муносибтарини бартафнамоии мушкилотҳои ошкоршуда барои баланд бардоштани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон;

- муайян ва интихоб кардани самтҳои афзалиятноки рушди иқтидори илмӣ-техникии минтақа;

-пешниҳоди роҳҳо ва коркарди тавсияҳо ҷиҳати такмили идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон.

**Объекти таҳқиқот** иқтидори илмӣ-техникии минтақа, равандҳо ва механизмҳои рушди амалкарди он дар вилояти Хатлон мебошанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** равандҳо ва муносибатҳои иқтисодӣ марбут ба ташаккул ва такмили инкишофи иқтидори илмӣ–техникӣ бо мақсади таъмини рушди инноватсионии вилояти Хатлон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот.** Татбиқи афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, андешидани тадбирҳои дахлдорро дар самти беҳтар намудани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар вилояти Хатлон талаб менамояд. Чункӣ айни ҳол иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ яке аз омили асосии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо ба ҳисоб рафта, ташаккул ва идоракунии он имкон медиҳад, ки ҳамчун замина барои воридшавии бомуваффақияти минтақа ба равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ мусоидат намояд.

**Усулҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсад ва вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошта шуда буданд, усулҳои иқтисодию оморӣ, монографӣ, абстрактию мантиқӣ, гурӯҳбандии ҳисоби конструктивӣ ва ғайра истифода карда шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** ин дар асоси таҳлилу арзёбии ҳолати имрӯзаи иқтидори илмӣ-техникии минтақа муайян намудани роҳҳо ва механизмҳои ташаккулу такмили иқтидори мазкур мебошад. Натиҷаҳои назаррасе, ки унвонҷӯ дар натиҷаи омӯзишу таҳлили дурударози масъалаи мазкур мустақиман ба даст овардааст ва навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсияро ташкил медиҳанд, аз инҳо иборатанд:

- асоснок карда шудааст, ки иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа - ин маҷмуи сохторҳои ташкилӣ-иқтисодии илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-таълимӣ, техники-технологӣ, озмоишӣ-лоиҳакашӣ (конструкторӣ) мебошанд, ки натиҷаи фаъолияти онҳо дар шакли ихтирооту пешниҳодҳои оқилона (ратсионализаторӣ) аз тарафи субъектҳои хоҷагидории гуногуни иқтисодӣ истифода гардида, рушди инноватсионии минтақаро таъмин менамояд, инчунин таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори имлӣ-техникӣ омӯхта шуда, механизмҳои истифодабарии онҳо дар вилояти Хатлон муайян гардидаанд;

- вазъи муосир ва тамоюлоти иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар асоси истифодаи усулҳои таҳлили омории динамикаи теъдоди муассиса ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон, кормандони илмӣ, нашрҳо, патент ва шаҳодатномаҳои навоварӣ, диссертатсияҳои ҳимояшудаи муассисаҳои илмӣ, рейтинги ниҳоии иқтидории илмии муассисаҳои таҳсилотӣ олӣ дар вилояти Хатлон арзёбӣ шуда, таъсиси чор муассисаҳои таҳсилоти олии дигар дар вилояти Хатлон тавсия карда шуданд;

- мушкилоти асосии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии дар минтақа мавҷудбуда ошкор карда шудаанд, ки асосан ба таъминоти нокифояи молиявӣ ва моддиву техникии илм, ташаккули нокифояи заминаи муосири иттилоотӣ дар соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ, норасоии кадрҳои илмӣ, набудани робитаи зарурии маориф, илм бо истеҳсолот, ҷалб нагардидани неруи соњибкорӣ ба рушди иқтидори илмӣ-техникӣ ва нокифоягии маълумоти оморӣ дар минтақа алоқаманд аст;

- роҳҳои ҳал намудани мушкилотҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон ба воситаи тиҷоратикунонии корҳои илмӣ-таҳқиқотии инноватсионӣ, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҷалби иловагии грантҳо барои пажӯҳишҳои илмӣ, гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ, таҳияи стратегияи роҳандозии асосҳои моддию техникӣ барои ин корҳо барои солҳои 2022-2030, пурзӯр намудани назорат аз болои барномаҳои қабулшудаи давлатӣ дар самти ташаккули иттилооти муосир дар соҳаи илм ва технологияи инноватсионӣ, ҷорӣ намудани коеффитсиент (зариб) то як муддати муайян (5-сол) аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳқиқотчиёне, ки аз муасисаҳои илмӣ ва олии вилояти Хатлон дар назди шӯроҳои диссертатсионӣ дифои рисолаи илмӣ менамоянд, таъсиси марказ барои таълими инноватсионии вилояти Хатлон ва дар омори солонаи вилояти Хатлон ҷойгир намудани маълумоти илм ва инноватсия пешниҳод карда шуданд.

- самтҳои асосии ташаккули иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ

таҳлил ва муайян карда шуда, гидроэнергетика, кишоварзӣ ва амнияти озуқаворӣ, тандурустӣ, устуворӣ ва амнияти экологӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, сайёҳӣ, маориф, нақлиёт ва хизматрасонии нақлиёти умум, дар самти таъсиси ҷойҳои корӣ, комплекси саноатӣ ва ашёи хоми маъданӣ ҳамчун самтҳои афзалиятнок барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пешниҳод карда шуданд.

- роҳҳои баланд бардоштани самаранокии идоракунии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ дар минтақа тавассути таъсиси марказҳои интиқоли технологияҳо ва бизнес-инкубаторҳо, маркази мутахассисию таҳлилӣ, маркази байналмилалии трансфери технологияҳо, маркази омодагии менеҷерони инноватсионӣ, фонди дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, маркази инноватсионии ҷавонон ва такмили фаъолияти паркҳои технологӣ дар назди донишгоҳҳои вилояти Хатлон пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Хулосаҳои илмӣ ва андешаҳои пешниҳодшуда дар қайдҳои илмии диссертант оид ба масъалаҳои иқтидори илмӣ-техникии инноватсионӣ, ки аз тарафи институтҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии вилояти Хатлон қабул карда шудааст, инъикос ёфтаанд. Инчунин, аз лиҳози назариявӣ метавонад барои ҳалли масъалаҳои иқтидори илмӣ-техникӣ дар вилояти Хатлон истифода гардад. Аҳамияти амалии таҳқиқот иборат аз он аст, ки натиҷа ва хулосаҳо, аввалан, метавонанд ба мақсади баланд бардоштани иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии вилояти Хатлон, баъдан ба мақсади такмили ҷараёни таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар курсҳои зерин ба монанди: «Назарияи иқтисодӣ», «Менеҷменти иноватсионӣ», «Менеҷмент», «Асосҳои фаъолияти инноватсионии корхона», «Асосҳои соҳибкорӣ», «Соҳибкории инноватсионӣ» мавриди истифода қарор гиранд.

Ширкати нисбатан мушаххаси унвонҷӯро ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ-таҳқиқоти гузаронидашуда, бо чопу интишори

натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳодҳои ироагардида, ки дар ин бора маълумотномаҳо мавҷуд мебошанд, тасдиқ менамояд.

Диссертатсияи Ятимов Амирхон Ҷурахонович таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ мебошад. Таҳлилҳои гузаронидаи ӯ дар заминаи корҳои олимони шинохтаи иқтисодиёт ва дигар пажӯҳишҳои монографии донишмандони муосири иқтисоддон ба ӯ имкон додаанд, ки як қатор пешниҳод ва тавсияҳои муҳимму мушаххасро доир ба мавзуи таҳқиқшаванда асоснок намояд.

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия, ки ба муҳокима пешниҳод шудааст.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандњои иҷтимоӣ-иқтисодӣ:

2.1. Рушди нуқтаҳои назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмили шаклҳо ва методҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ дар системаҳои иқтисодӣ.

2.6. Коркарди методҳо ва механизмҳои ҳамгироии илмии мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди методҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ.

2.15. Таҳқиқоти самтҳо ва воситаҳои рушди тарзи нави технологии системаҳои иқтисодӣ.

2.17. Инкишофи назария, методология ва методҳои маблағгузории венчурӣ барои навсозии илмӣ-техникӣ ва ташкилии системаҳои хоҷагидорӣ.

2.26. Коркарди методологияи идоракунии моликияти зеҳнӣ ва методҳои арзёбии арзиши қисми зеҳнии маҳсулоти инноватсионӣ.

2.29. Такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ ба манфиатҳои рушди инноватсионӣ.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он**. Аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот 9

мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиягардида ба нашр расидааст.

Мазмуни асосии диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла «Масоили мубрами математика ва таълими он" бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии корманди шоистаи Тоҷикистон доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э. Сатторов» (Бохтар, 2020), «Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи давлатҳо» бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (27 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб) баҳои мусбат гирифтаанд.

**Корҳои илмии нисбатан муҳимми унвонҷӯ доир ба мавзӯи диссертатсия:**

1. Ятимов А.Ҷ. Роҳҳои баланд бардоштани иқтидори илмию техникии иноватсиони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми ДМТ №7 2018, с.112-114 ISSN 2413-5151.
2. Ятимов А.Ҷ. Хусусиятҳои ҷаҳонишавӣ дар соҳаи тадқиқоти илмию техникии инноватсионӣ. // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав №1-4(68) 2019, с.187-189 ISSN 2663-5534.
3. Ятимов А.Ҷ. Необходимость постоянного использования современных информационно –графических технологий в учебом процессе // Вестник ТНУ №8стр.278-283 за 2019 год.ISSN 2074-1847
4. Ятимов А.Ҷ. Хусусиятҳои фарқкунандаи иқтидорииилмӣ-техникӣ ва инноватсионӣ дар минтақа // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав № 1-4(68) 2019, с.256-259 ISSN 2663-5534
5. Ятимов А.Ҷ. Асосҳои назарявии иқтидори илмӣ-техникии иноватсионӣ дар минтақа // Паёми ДМТ бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ №10 саҳ 273-278 с. 2020.

6. Ятимов А.Ҷ. Таҷрибаи хориҷӣ дар соҳаи илму техника ва фаъолияти инноватсионӣ // Пайёми ДДБ ба номи Носири Хусрав № 1-4(80) 2020, ISSN 2663-5534.

**Дар дигар нашрияҳо:**

7. Ятимов А.Ҷ. Потенсиали илмӣ – техникӣ ва рушди инноватсионии. ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Масоили мубрами математика ва таълими он" бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040) ва 70-солагии корманди шоистаи Тоҷикистон доктори илмҳои педагогӣ, профессор А.Э. Сатторов с 2020, саҳ 37.

8. Ятимов А.Дж. Инновационный потенциал Хатлонской области: формирование и стратегия развития // Российско – Таджиксий (славянский) университет. 2020 (Конференция). С.187.

9. Ятимов А.Ҷ. / Методҳои арзёбии иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа / Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Истифодаи самараноки захираҳои обӣ ва нақши он дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи давлатҳо» бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (27 декабри соли 2021, шаҳри Кӯлоб) с.420-431.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон (№3/24 аз 25.01.2022), Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (№1/85, аз 18.02.2022), барои истифода дастгирӣ ёфтааст, инчунин санад оид ба татбиқи амалии онҳо замима гардидааст.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кории илмӣ: аз ҷумла интихоб ва таҳияи мавзӯъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва нақшаи кории иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар мавзуи «Ташаккул ва такмили иқтидори илмӣ-техникии инноватсионии минтақа дар шароити муосир (дар мисоли вилояти Хатлон)», аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Корҳои чопшуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.
3. Ба Ятимов Амирхон Ҷурахонович дар бораи дуруст ба расмият дароварда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи дуюм аз рӯи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ иҷозат дода шавад.

Дар маҷлиси васеи кафедраҳои технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатика ва менеҷменти муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (протоколи №1) аз «26» 08) 28 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳии кушод: тарафдор - 28 нафар, зид - нест, бетараф - нест.

**Раиси маҷлис:**

Мудири кафедраи менеҷмент
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент — Гулов Қ.М.

Мудири кафедраи технологияи
иттилоотӣ ва МТИ
номзади илмҳои физика ва математика — Маҳмадалиев Ҳ.С.

Котиби илмӣ — Каримова Г.